**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2025.**

Дар таърихи халқи тоҷик яке аз давраҳои хело ҳасос ва сарнавиштсоз ин раванди ҳодисаҳои давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX ба ҳисоб меравад. Бо хидмату талошҳои як зумра фарзандони тоҷик дар чунин айёми мураккаб тоҷикон тавонистанд, бо вуҷуди баъзе ноадолатиҳо дар фазои давлати Шуравӣ соҳиби марзи маъмурии худ гарданд. Дар ин ҷода хизматҳои яке аз абармардони фидоии миллат, арбоби сиёсию ҷамъиятӣ, аввалин раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон ва билохира Қаҳрамони Тоҷикистон – Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) шоёни таҳсин мебошад. Нусратулло Махсум дар чунин айёме, ки қувваҳои манфиатхоҳи дохилию хориҷӣ барои амалии хостаҳои аҳриманонаи худ мекӯшиданд, барои ҳифзи ватан ва марзу буми он, озодию ваҳат, саодати халқ, дастовардҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик, дар сафи пеши мубориизони ватандӯст меистод. Тавре Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависанд: «Дар солҳои дар вазифаи Раиси Кумитаи иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ фаъолият намудани Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон он қадар корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъат ёфта буданд, ки халқи мо садсолаҳои пешин чунин дигаргунсозиҳоро надида буд».

Бо вуҷуди ин ҳамин марҳилаи таърихӣ ва саҳми фарзандони содиқи миллат, бо шумумли Н. Махсум дар раванди дигаргуниҳои замон аз нуқтаи назари илмӣ пажуҳиш нашуда буд. Таҳқиқоти анҷомдодаи Маҳмудов Давлатшоҳ дар мавзуи зикршуда аз ҳар ҷиҳат боиси дастгирист ва аввалин тадқиқоти бунёдӣ дар ин самт мебошад.

Автореферати диссертатсия аз ҷониби диссертант мутобиқ ба талаботи муайяншуда таҳия шудааст. Қисмҳои алоҳида кор, аз ҷумла мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва даврai таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии

натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шуда мазмуну муҳтавои мақсади кор возеҳ баён гардидааст.

Дар натиҷаи шиносоӣ бо муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертатсия аз се боб ва 10 зербоб иборат буда ҳамаи масъалаҳои дар нақша нишондодашуда пурра мардиди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар боби якум «Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон», дар боби дуюм «Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» ва дар боби сеюм «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX» таҳқиқ шудааст.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати саҳми Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX баҳри дар оянда давом додани омӯзиш дар ин самт оварда шудаанд. Автореферат, ки аслан бо забони тоҷикист тарҷумаи он бо русӣ низ илман дуруст тарҷума ва ҷобаҷо шудааст.

Автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Муқарриз:**

**Мудири кафедраи бойгонишиносии**
**МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода"**
**н.и.т., дотсент: Мамадазимова М.М.**

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 75 А**
**Тел: (+992) 016156464**
**E-mail: mmairam.m@mail.ru**

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» Нуриддинзода Ф.Б.**

**«10» «11» соли 2025**